# Ахлоқи ҳамида дар дини ислом

**[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]**

Абдуссатори Ҳомид

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ حسن الخلق في الإسلام ﴾

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حميد

2009 - 1430

islamhouse.com

## Ахлоқи ҳамида дар дини ислом

Абӯдовуд -раҳмати Худо бар у бод- ривоят мекунад, ки Паёмбар- Дуоау дуруд бар У бод- фармуд: **«Шахси боимон ба воситаи ахлоқи нек метавонад ба мартабаи онҳое бирасад, ки рӯз то бегоҳ рӯза дошта, шаб то ба рӯз намоз мегузоранд».**

Ин чунин Имом Тирмизӣ -раҳмати Худо бар у бод- аз Расули Акрам - Дуоау дуруд бар У бод- ривоят кардааст ки гуфт: **«Дар тарозуи аъмол рӯзи қиёмат ҳеч чизе барои мӯъмин вазнинтар аз ахлоқи хуб нест ва Худованд беҳаёву бадзабону ғайбатгарро бад мебинад»**

Аз Паёмбар - Дуоау дуруд бар У бод- пурсиданд:

**"Кадом чизҳо мардумро биҳиштӣ ба биҳишт мебаранд?**
**Фармуданд: "Аз Худо тарсидану ахлоқи хуб доштан".**
**Боз пурсиданд:"Чӣ чизҳо бештар мардумро ба дузах мебаранд?**
**Расули Худо** -Дуоау дуруд бар У бод- **фармуданд: "Даҳон, ва андоми ниҳонӣ (шармгоҳи инсон).**

Дар ривояти Дайламӣ -раҳмати Худо бар у бод- омадааст: **«Ахлоқи хуб нисфи дин аст».**

Ибни Адӣ -раҳмати Худо бар у бод- ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ -Дуоау дуруд бар У бод- фармуданд: **«Ахлоқи нек гуноҳонро чунон аз баин мебарад, ки офтоб яхро об мекунад».**

Имом Замахшарӣ дар китоби «Мақомот»-и худ, ки китоби ахлоқист,мефармояд: **«Хислати хуб инсонро мисли себи Лубнон месозад, ки ҳам хушранг асту ҳам хушбӯю ҳам хушмазза. Ба ҳар ҷониб, ки онро бигардонӣ, туро ба сӯи худ ҷалб мекунад. Хислати бад мисли хори саъдон аст, ки ба ҳар ҷониби он нигарӣ, намехоҳӣ ба он даст бизанӣ».**

Дар ҳама кор пешвоест ва пешвои ахлоқ ҳазрати Муҳаммад -Дуоау дуруд бар У бод- ҳастанд, ки фармудаанд: **«Ман барои он фиристода шудаам ки ахлоқи накӯро пурра баён бисозам».**

**Ва Худованд дар васфи ахлоқи Паёмбараш мефармояд:**

قَالَ تَعَالَىٰ: ﴿ وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ ﴿٤﴾ ﴾ القلم: ٤

**"Ҳар оина ту соҳиби ахлоқи бузург ҳасти"**

Вобаста ба ин Саъдии Шерозӣ мегӯянд:

*Мапиндор Саъдӣ, ки роҳи сафо*
*Тавон рафт ҷуз аз паи Мустафо*

**Ҳоло намунае аз ахлоқи некро ёдовар мешавем**:

Эҳтирому такрим (иззат кардан), меҳрубонӣ, адои амонат, хуб анҷом додани вазифа, инсофу адл, тақвову парҳезкорӣ, хоксориву фурӯтанӣ, ҳилму бурдборӣ, шарму ҳаё, шуҷоату далерӣ, шукргузорӣ, босабру бо истиқомат будан, ростгуву ҳалолкор (росткор) будан, авфу гузашт намудан, қаноат, мадорову нармию лутф, вафо ба аҳду паймон,хушсуханӣ ва ғайра, ҳамаи инҳо аз намунаҳои ахлоқи нек мебошанд.

**Аммо аз намунаҳои ахлоқи бад**:

Исрофу зиёдаравӣ, иҳонату таҳқир, бахилӣ, тамаллуқ ва чоплусӣ, танбалӣ, сарзаниши дигарон, бетоқатӣ, ҳирсу аз (чашмгуруснагӣ), ҳасаду кина, хиёнату фиреб, дурӯғ, риёкорӣ, тафриқаандозӣ, тамаъ, зулму ситам, худписандӣ, хашму ғазаб, фуҷуру бадкорӣ, фоҳишабозӣ ва беҳаёӣ, фисқу нофармонӣ, кибру худнамоӣ,

дағалӣ ва ҷидолу хархаша, ҳавою ҳаваспарастӣ, гуноҳ, душманӣ, ҷудо сохтани ду дӯст, вайрон кардани оила, лату кӯби бераҳмона, бадзабонӣ, ғайбат, тӯҳмат ва ғайра, ҳамаи инҳо аз намунаҳои ахлоқи бад мебошад.

**Парҳез намудан аз ахлоқи бад мағзи ахлоқи ҳамида аст**.

Ҳар кӣ дар ӯ сирати некӯ бувад.
Одамӣ аз одамиён ӯ бувад.